КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

аз «7» ноябри соли 2019 № 226/фи ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2019, №37 оид ба рад кардани додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба Асадова Моҳчеҳра Рустамовна дар мавзӯи «Географические термины в таджикском и английском языках» аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ бетағйир мононда шавад.

2. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ (суратҷаласа аз 4 июли соли 2019, №11) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, протоколи №9

Раис А.Розиқзода